**ИҚТИБОС**
**аз Суратҷаласаи № 3**
**ШӮРОИ ОЛИМОНИ**
Институти таърих, бостоншиноси ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ

**аз 24 феврали соли 2023** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** 19 **нафар**
аз 21 нафар аъзои ШО

**РӮЗНОМА:**

**5. Масъалаҳои ҷорӣ**

**5.1. Музокира ва муҳокимаи илмӣ оид ба натиҷаҳои диссертатсияи унвонҷӯ Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» ва хулосаи маҷлиси васеи Шӯрои олимон.**

**5.2.** Аз рӯи масъалаи 1-уми масъалаҳои ҷории Шӯрои олимон (5.1.) муовини раиси Шурои олимон, муовини директори Институт оид ба корҳои илмӣ ва таълимӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Иброҳимов М.Ф. баромад намуда, қайд кард, ки ба Шӯрои олимон диссертатсияи унвонҷӯ Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзуи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои музокира ва муҳокимаи илмӣ оид ба натиҷаҳои диссертатсия пешниҳод шудааст.

Иброҳимов М.Ф. зимни суханронии худ изҳор намуд, ки Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09.-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) таҳқиқот анҷом дода, оид ба баррасии рисолаи илмияш ҳуҷҷатҳои зеринро ба Институт пешниҳод кардааст:

1. Аризаи Абдулзода З.Н. ба номи директор бо ризоияти (имзои) роҳбари илмӣ ва ризоияти (имзои) мудири шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нав, ки кори илмӣ дар ин шуъба иҷро шудааст.
2. Нусха аз суратҷаласаи шуъба оид ба баррасии кори илмии Абдулзода З.Н.
3. Хулосаи маҷлиси шуъба дар хусуси дуруст барасмият даровварда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи дуюм.
4. Дастнависи диссертатсия.
5. Дастнависи автореферати диссертатсия.

6. Нусхаи интишороти Абдулзода З.Н. вобаста ба мавзӯи диссертатсия.

Экпертизаи давраи дуюми диссертатсияи Абдулзода З.Н. дар Шӯрои олимони Институт тибқи мукаррароти банди 50-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», №267 аз 30 июни соли 2021 оид ба баррасии диссертатсия бо тартиби пешниҳодшуда баргузор мегардад.

Тибқи тартиботи муқарраршуда унвонҷӯ Абдулзода З.Н. дар бораи рисолаи илмии худ «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» баромад намуда, мазмуну муҳтавои асосии кори илмии худро шарҳу тавзеҳ дод. Сипас дар доираи мавзӯи рисолаи илмии ӯ саволҳо пешниҳод шуд, ки унвонҷӯ ба ҳар яки он ҷавобҳои қаноатбахш дод.

Раиси ҷаласа д.и.т. Иброҳимов М. ҷиҳати хондани тақриз суханро ба роҳбари илмии унвонҷӯ директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор Убайдулло Насрулло Каримзода дод. Убайдулло Н. К. зимни баромади худ рисолаи илмии Абдулзода З.Н.-ро таҳқиқоти анҷомёфта ва дар илми таърих ниҳоят муҳим арзёбӣ кард.

Муқарризони холис номзади илмҳои таърих **Ғафуров А.М.** ва н.и.т. **Шарифзода А.** баромад намуда, тавассути тақризи худ ба кори диссертатсионии Абдулзода З.Н. баҳои мусбӣ доданд.

Сипас, музокира ва муҳокимаи илмӣ оид ба натиҷаҳои диссертатсияи Абдулзода З.Н. дар мавзуи «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» сурат гирифт ва дар охир хулосаи маҷлиси Шӯрои олимони Институт вобаста ба пешниҳоди диссертатсияи Абдулзода З.Н. ба экспертизаи даври навбатӣ дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035 ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09.-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ хонда шуд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

"ҷонибдор" 19 нафар

"муқобил" - нест

"бетараф" – нест

Шӯрои васеи олимон масъалаи мазкурро баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Баромади унвонҷӯ Абдулзода Зиёдулло Назар ба инобат гирифта шавад.
2. Тибқи экпертизаи давраи дуюм диссертатсияи довталаб Абдулзода Зиёдулло Назар «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун

сарчашмаи таърихӣ » кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, бо назардошти пешниҳоду тавсияҳои муқарризон ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09.- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор дониста шуда, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035 барои ҳимоя тавсия карда шавад.

3. Хулосаи маҷлис бо тарафдории аксари иштирокчиёни Шӯрои васеи олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул карда шавад.
4. Протокол ва хулосаи маҷлис тибқи муқаррарот ба расмият даровварда шуда, аз ҷониби директори Институт ва ё муовини директор оид ба корҳои илмӣ ва таълимӣ бо имзо, мухри Институт ва санаи рӯз тасдиқ карда шавад.
5. Тибқи Банди 52-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», №267 аз 30 июни соли 2021 оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсия нусхаи протоколи мазкур ва хулосаи ҷаласаи васеи Шӯрои олимон дар бораи ба ҳимоя тавсия кардани диссертатсияи унвонҷӯ Абдулзода З.Н. ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035 ирсол карда шавад.
6. Иҷроиши Қарори мазкур ба зиммаи иҷрокунандаи вазифаи котиби илмӣ Мирзоев Ш. Ҷ. вогузор карда шавад.

**Муовини Раиси Шӯрои олимон** **Иброҳимов М.Ф.**

**Иҷрокунандаи вазифаи**
**котиби илмии Институт** **Мирзоев Ш. Ҷ.**